## ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Қодиров Ҷаъфар Ашурович дар мавзуи « Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён-мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01- Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)).

Бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгиройӣ ба хоҷагии иқтисодии ҷаҳонро яке аз самтҳои афзалиятноки худ қарор додааст. Имрӯз мамлакат ҳамчун омили муҳимми бозори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пазируфта шудааст. Лекин, имрӯз иқтисоди ҷаҳонӣ нисбати мамлакатҳое, ки ноил гардидан ба сатҳи баланди рушдро мақсадгузорӣ намудаанд, як қатор шартҳои махсусро пешниҳод намудааст, ки иҷрои онҳо қабули чораҳои муайянро талаб менамояд. Дар навбати аввал сухан оиди татбиқи васеи технологияҳои нави иттилоотӣ – иртиботӣ дар соҳаи иқтисод меравад.

Рушди соҳаҳои технологӣ ва иқтисоди инноватсионӣ бо воситаи пурзӯркунии рушди институтсионалӣ, татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ дар тамоми сатҳҳои идоракунии давлатӣ, пурзӯркунии ҳифзи ҳуқуқҳои моликият, мукаммалгардонии низоми ҳуқуқӣ, бавуҷудории шароитҳои мусоид барои рушди шабакаҳои иттилоотӣ-иртиботии паркҳои технологӣ ва «пасткунии вобастагии нисбии малакат аз воридоти озуқаворӣ, гузариш ба воридоти технологияҳои муосир» ба нақша гирифта шудааст.

Қодиров Ҷаъфар Ашурович баъди хатми Донишгоҳи милии Тоҷикистон аз соли 2000 ин ҷониб фаъолияти омӯзгорӣ кардааст.

Айни ҳол эдвайзери (дар самти таълими) факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ДДМИТ) мебошад.

Қодиров Ҷаъфар Ашурович солҳои 2009-2010 - муовини декани факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон ва солҳои 2010-2012 – муовини декан оид ба тарбия

ва алоқа бо ҷомеаи факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалии Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон кор кардааст.

Кори диссертатсионии Қодиров Ҷаъфар Ашурович аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Мазмуни кор дар 179 саҳифаи матни компютерӣ дарҷ гардида, аз 6 расм, 15 диаграмма ва 7 ҷадвал иборат аст. Рӯйхати адабиёт 130 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия «Технологияҳои компютерӣ ҳамчун ҷанбаи муҳтавоии омодасозии иқтисодчиёни рақобатпазир дар илмҳои педагогӣ» аз се зерфасл иборат буда, афзалиятан ба таҳлили адабиёти марбути мавзӯи таҳқиқоти илмӣ бахшида шудааст. Натиҷаи таҳлили мазкур ба сифати заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқоти мо баромад намуд.

Дар боби дуюми диссертатсия тахти унвони "Таҳлили вазъи омӯзиши технологияҳои компютерӣ ва меъёрҳои муайянсозии феҳристи онҳо барои мутахассисони равияи иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ" вазъи воқеии раванди омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён-мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуда, усул ва меъёрҳои муайянсозии феҳристи технологияҳоии компютерӣ, ки самаранокии раванди омодасозии мутахассисонии рақобатпазири равияи иқтисодиро дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таъмин мекунанд, пешниҳод шудааст.

Боби сеюми диссертатсия - "Технологияҳои компютерӣ ҳамчун асоси ҷанбаи муҳтавоии омодасозии мутахассисони рақобатпазири равияи иқтисодӣ" - бевосита ба пажӯҳиши амалии масъалаи таҳқиқшаванда бахшида шудааст.

Ҳамин тавр, навгонии рисолаи илмӣ иборатанд аз:

- аввалин маротиба муносибатҳои назариявӣ ва методологӣ доир ба коркарди малакаҳо ва салоҳиятҳои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд;
- бори аввал вазъи умумии мавҷудаи тайёрии донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ дар соҳаи истифодабарии ТКИИ дар фаъолияти касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст;
- тавсияҳо оид ба номгӯй ва самти рушди салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯёни равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодабарии ТКИИ коркард ва пешниҳод шудаанд.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асосонок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Автореферат инъикоси пурраи мазмуни диссертатсия буда, муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтанд.

Қодиров Ҷаъфар Ашурович истифодаи таълимии технологияҳои компютерӣ -ро барои мутахассисони соҳаи иқтисодиёт шарҳ дода тавзеҳ кардааст.

Хулосаҳои илмӣ ва тавсеаҳои илмӣ - методии рисола аз мазмуни умумии рисола тавсиб ёфтааст. Автореферат мазмуни умумии рисоларо инъикос менамояд. Хулосаҳои умумӣ, таҳқиқоти гузаронидашуда, тавсеаҳо ва дурнамои минбаъдаи коркарди мавзуъ дар мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 6-мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда аз ҷониби КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, ба табъ расидааст.

Ҳамин тариқ, Қодиров Ҷаъфар Ашуровичро метавон ҳамчун олими варзида, пажӯҳишгаре, ки метавонад мушкилоти илмии таҳқиқотро матраҳ намояд, тавсия кард .

Диссертатсияи Қодиров Ҷаъфар Ашурович «Асосҳои педагогии омӯзиши технологияҳои компютерӣ ба донишҷӯён - мутахассисони ояндаи равияҳои иқтисодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01- Назария ва методикаи фанҳои дақиқ (информатика)) ба талаботҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01- Назария ва методикаи фанҳои дақиқ(информатика)) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи барномасозӣ ва низомҳои
зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон,
профессор Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

23.04.2025

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад 48-5
Тел.: (992) 918636113; E-mail: aziz69@mail.ru

Имзои Мирзоев А.Р.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.